ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-031 НАЗДИ МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО" БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДӢ ИЛМҲОИ ФАРМАТСЕВТӢ

Парвандаи аттестатсионии №_____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 14.11.2024№18

Барои сазовор донистани Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои фарматсевтӣ.

Диссертатсияи "Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо CCl_4", аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ ба ҳимоя 19.10.с2024. қабул карда шуд, суратҷаласаи №16 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои фарматсевтӣ (734026, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино 29-31), бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 031 диссертатсияи Ғаниев Н.Х.-ро барои ҳимояи расмӣ тибқи протоколи №139 аз 26 апрели 2024 иҷозат додааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович соли 1989 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович соли 2012 факултаи фарматсевтии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибн Сино - ро хатм намудааст. Аз моҳи январи соли 2013 ба сифати ходими илмии Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон то ҳол кор ва фаъолият мекунад.

Кори диссертатсиони дар доираи мавзӯъ ва нақшаи илмӣ - таҳқиқотии озмоишгоҳи биологияи тиббӣ ва биотехнологияи маводҳои дорувории Маркази инноватсионии биологӣ ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, МД "Пажуҳишгоҳи Гастроэнтрология"- и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Озмоишгоҳи марказии илмӣ-таҳқиқотии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" иҷро карда шудааст".

Роҳбари илмӣ: Мироҷов Ғиесиддин Қутбиддинович - академики АМИТ доктори илмҳои тиб, профессор.

Мушовири илмӣ: Азонов Ҷаҳон Азонович – доктори илмҳои тиб, профессор, корманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманди калони илмии Озмоишгоҳи марказии илмӣ-таҳқиқотии МДТ“ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”.

Муқарризони расмӣ:

Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич - аъзокорр. АМИТ, доктори илмҳои тиб, профессор, мудири лабораторияи фармакологияи Институти химия ба номи В.И. Никитини АМИТ.

Шарифов Хуршед Шералиевич - номзади илмҳои фарматсевтӣ мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакологияи ДМТ

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи фарматсевтии Тошканд (Ҷумҳурии Узбекистон)

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Щилисова Н.В., номзади илмҳои биологӣ аз Донишгоҳи фарматсевтии Тошканд (Ҷумҳурии Узбекистон) 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи диссертатсия:

1. Ганиев Н.Х. Влияние растительного лекарственного сбора «Гепатрил” на функциональные показатели печени при экспериментальном токсическом гепатите, вызванном CCl_4. [Матн]/ Ганиев Н.Х., Якубова М.М., Мироджов Г.К.,Курбонов М.К., Сафаров Б.И. // Журнал Проблемы гастроэнтерологии №2.- 2018 С. 45-49.

2. Ганиев Н.Х. Влияние лекарственного сбора «Гепатрила» на морфологические изменения печени крыс при подостром токсическом поражении CCl_4. [Матн]/ Ганиев Н.Х., Якубова М.М., Раджабова Н.И. // Журнал Проблемы гастроэнтерологии 2020, №1, С. 32-34.

3. Ганиев Н.Х. Таъсири маводи растанигии «Гепатрил» дар баъзе нишондиҳандаҳои биохимиявии хун ҳангоми гузаронидани таҷрибаи токсикии гепатит бо иловаи CCl_4. Илм ва фановарӣ 2020. №3. С.105-110.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

1. **Раҷабзода Сироҷиддин Икром** - доктори илмҳои кимиё, профессори кафедраи органикии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. **Ҷумъаев Бахшилло Боқиевич** – доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ сарходими илмии озмоишгоҳи биохимияи Институти ботаники, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ.
3. Устоев Мирзо - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
4. **Ҷамшедов Ҷамшед Назардодович** - номзади илмҳои биологӣ, аз рӯй ихтисоси фармакология, фармакологияи клиникӣ, мудири кафедраи “Технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ,

хизмати фарматсевтӣ ва иттилооти фарматсевтӣ муассисаи тиббии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон».

5. **Гулмуродов Исомиддин Сафарович -** номзади илмҳои фарматсевтӣ, ходими калони илмӣ, Муассисаи илмию таҳқиқотии "Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ" -и АМИТ.

Тақризҳо мусби буда, онҳо мубрамият, навгонии илмӣ ва аҳмияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқотии дисертатсия қайд карда шудаанд. Дар тақризҳо эродҳои ҷиддӣ вуҷуд надоранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешаванд, ки онҳо бо дастовардҳои худ соҳаи фарматсевтӣ пешсаф буда, дар ин соҳа ва дар ин мавзӯъ нашрияҳои илмӣ доранд, ки дар робита ба ин метавонад ба кори диссертатсионӣ аз рӯи мубрамият, аҳмияти назариявӣ ва арзишҳои амалӣ баҳои объективӣ диҳад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ: Консепсияи илмӣ **коркард карда шуд,** ки ғояи нави илмиро дар асоси таҳқиқоти фарогир ва таҷрибавӣ таъсис ёфтааст, ки усули нави таҷрибавиро дар бар мегирад.

пешниҳод шудааст: усулҳои муосири таҳқиқот муайянсозии моддаҳои фаъоли биологӣ тариқи реаксияҳои, элементҳои вазнини, нишондодҳои биохимиявии, таҳқиқоти патоморфологӣ маводи «Гепатрил».

исбот шудааст: ки маводи нави растанигии «Гепатрил» дар муқоиса бо "Карсил", синдромҳои ситолитикӣ ва холестазиро самаранок пешгирӣ мекунад ва дар ҳолати осеби токсикии ҷигар ихтилоли мубодилаи липидҳоро барқарор мекунад. «Гепатрил» пас аз се моҳи қабул тағйироти сохтории ҷигарро барқарор мекунад.

коркард карда шудааст: ба мақсади дарёфти гепатопротекторҳои нав дар асоси флораи Тоҷикистон растаниҳои зерин: решаҳои ширинбия *«Glycyrrhíza glabra L.»,* астрагали фахдошта *«Astragalus lasiosemius Boiss»,* пӯстлохи дарахти тӯс *«Betula servchanica V.»* ва лагенарияи маъмулӣ *«Lagenaria siceraria»* интихоб гардиданд, ки барои табобати касалиҳои ҷигар таҳия шудааст.

Аҳмияти назариявии таҳқиқот дар он асоснок шудааст ки:

исбот карда шуд: ҷорӣ намудани "Гепатрил", ҳамчун гепатопротектори нави ИФБ, ки бо истифодаи растаниҳои шифобахши флораи Тоҷикистон таҳия шудааст, рӯйхати гепатопротекторҳои растанигии ватаниро пурра намуда, ба беҳтар намудани табобат ва пешгирии тағйиротҳои бемориҳои музмини ҷигар мусоидат карда метавонад.

Нисбати мубрамияти мавъуи диссертатсия маҷмӯи усулҳои появии таққиқ ва таҳлили, ки барои таҳияи маводи растанигии "Гепатрил" ҳангоми осеби токсикии ҷигар муқаррар шудаанд, истифода шудааст.

Барои омӯзиши хосияти гепатопротектории маводи «Гепатрил» ҳангоми гепатити токсикӣ, ба дохилисифоқии калламушҳои таҷрибавӣ маҳлули равғании 50%-аи $CC1_4$ ба миқдори 0,2 мл/кг вазни зиндаи онҳо, дар давоми як ва се моҳ ворид карда шуд.

Такмили усулҳои мавҷудаи омӯзиши физикию химияви муайянсозии моддаҳои фаъоли биологӣ, элементҳои вазнини, нишондодҳои биохимиявии, таҳқиқоти патоморфологӣ ва таъсири фармакологии маводи растанигии «Гепатрил» таҳқиқотҳо гузаронида шудааст.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок истифода бурдани онҳо дар раванди таълим дар кафедраҳои физиологияи патологӣ, фармакология ва биохимияи донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши иловаи фаъоли биологӣ, ки асосашон растаниҳои шифобахши мебошад мавриди истифодабарӣ қарор гирад.

ошкор гардидани дурнамои омӯзиши минбаъдаи самаранокӣ ва бехатарии маводи таҳияшуда тавассути гузаронидани таҳқиқоти тодармонгоҳӣ моводи таҳияшуда, инчунин истеҳсоли саноатии он муқаррар карда шудааст.

омӯхта шуданд: тавсияҳои амалӣ оид ба таркиб ва ҷорӣ намудани "Гепатрил", ҳамчун гепатопротектори нави ИФБ, ки бо истифодаи растаниҳои шифобахши флораи Тоҷикистон таҳия шудааст;

аз нав такмил додани: тавсияҳои амалӣ оид ба санҷиши клиникии ин иловаи биологӣ барои муолиҷаи бемориҳои системаи гепатобилиарӣ, пешниҳод шудааст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки барои корҳои таҷрибавӣ:

барои кори таҷрибавӣ таҷҳизоти замонавии сертификатсияшуда ва усулҳои информатсионии омӯзиши маводҳои доруворӣ шарбат истифода бурда шудаанд; тавассути коркарди оморӣ такроршавандагӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки ин имкон медиҳад, то онҳо боэътимод ҳисоб карда шаванд.

назария ба нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое асос меёбад, ки тавассути ҳаҷми зарурии маводи аввалия дар бораи мавод ва усулҳои таҳқиқот, истифодаи номгӯи васеъи сарчашмаҳои илмӣ, аз он ҷумла адабиёти хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрӣ асоснок шудаанд;

ғоя асоснок шудааст, ки кори илмӣ ба таҳлили таҷрибаи пешқадами муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба истифодаи растаниҳои

шифобахш, ки хосияти гепатопротекторӣ доранд дар таҳияи маводи доруворӣ асос меёбад;

истифода шудаанд усулҳои муосири физикию химиявӣ биохимиявӣ, патоморфологӣ, фармакологӣ ва коркарди омории маводи ибтидоӣ корбурда шудааст, ки имкон медиҳад то маводи таҳияшуда баҳогузорӣ шавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия мувофиқи шиносномаи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба бандҳои 1,3 ва 4-и ихтисоси Фармакология, фармакологияи клиникӣ мувофиқат мекунад.

Мазмуни диссертатсия ба мақсади вазифаҳои муқарраршудаи омӯзиш оид ба хосияҳои фармакологӣ, биохимиявӣ ва морфологии маводи санҷидашуда, барои табобат ва пешгирии бемориҳои гуногуни ҷигар мувофиқ аст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот таҳияи нақшаи амалии гузаронидани таҷрибаҳо, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо аз сарчашмаҳо аз ҷониби муаллифи кори диссертатсионӣ анҷом дода шудааст. Коркарди оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти бадастомада, таҳияи маводҳои дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ барраси шуда ва навиштани мақолаҳо ва таълифи диссертатсия низ аз тарафи муаллиф бо ҳамдастии роҳбари илмӣ ва мушовири илмӣ анҷом дода шудааст.

Дар маҷлиси 14.11.2024. Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология фармакологияи клиникӣ қабулкарда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 2 нафар аз руи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология фармакологияи клиникӣ, тарафдор 10, муқобил 2 бетараф нест, бюллетенҳои беэтибор 1.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фарматсевтӣ **Холназар Б.М.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ
Номзади илмҳои тиб, дотсент **Юлдашева У.П.**

имзои/подпись
Холназар Б.
Юлдашева У.П.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
14 11 24